**Маълумотнома**
**оид ба натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон дар нуҳ моҳи соли 2016**

Дар нуҳ моҳи соли 2016 новобаста аз таъсири омилҳои берунӣ, сустшавии рушди иқтисодиёти ҷаҳон, ноустувории вазъи савдои хориҷӣ, фаъол набудани истеъмолкунандагон бинобар коҳишёбии ҳаҷми маблағҳои интиқолӣ ва даромадҳои пулии аҳолӣ, рушди мусбати иқтисоди миллӣ таъмин карда шуд.

Дар ин давра нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ мусбӣ арзёбӣ гардида, ҳаҷми номиналии Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ бо афзоиши реалии 6,7 фоиз ба 37,9 млрд. сомонӣ баробар гардид, ки ин нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 4,3 млрд. сомонӣ зиёд мебошад.

Афзоиши истеҳсолот дар аксари соҳаҳо таъмин гардида, истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ 16,1 фоиз, кишоварзӣ 6,8 фоиз, гардиши моли чакана 7,2 фоиз ва сохтмон 22,0 фоиз афзоиш ёфтааст.

Дар давраи ҳисоботӣ дар сохтори Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ истеҳсоли молҳо 46,0 фоиз, хизматрасонӣ 42,3 фоиз ва андозҳо 11,7 фоизро ташкил дод. Бояд қайд намуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2015 ҳиссаи истеҳсоли молҳо ва хизматрасониҳо 0,6 банди фоизӣ афзоиш ва андозҳо - 1,2 банди фоизӣ коҳиш ёфтааст.

Дар моҳҳои январ-сентябри соли 2016 ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ба 10164,3 млн. сомонӣ расонида шуда, суръати афзоиши он нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта116,1 фоизро ташкил намуд.

Дар давраи ҳисоботӣ дар зерсоҳаҳои соҳаи саноат, аз ҷумла саноати истихроҷ ба маблағи 2011,3 млн. сомонӣ (бо ҳисоби воқеӣ 1,5 маротиба нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта зиёд мебошад), соҳаи коркард 6153,4 млн. сомонӣ (113,1 фоиз) маҳсулот истеҳсол карда шуда, ҳаҷми арзишии истеҳсоли нерӯи барқ, газ, гармӣ ва обтаъминкунӣ ба 1999,6 млн. сомонӣ (103,7 фоиз) баробар гардид.

Рушди соҳаи саноати истихроҷи маъдан аз ҳисоби 56,6 фоиз афзоиш ёфтани истихроҷи маводҳои ғайриэнергетикӣ ва 17,6 фоиз зиёд гардидани истихроҷи маводҳои энергетикӣ таъмин карда шудааст.

Дар соҳаи саноати коркард суръати афзоиш дар 11 зерсоҳа таъмин гардида, дар 3 зерсоҳа, аз ҷумла истеҳсолоти нассоҷӣ ва дӯзандагӣ (99,5 фоиз нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта), истеҳсоли селлулозаю коғаз, фаъолияти табъу нашр (71,9 фоиз) ва истеҳсоли ҳаргуна соҳаҳои саноат (91,5 фоиз) коҳишёбӣ ба назар расид.

Аз 145 намуди муҳимтарин маҳсулоти саноатии дар ҷумҳурӣ истеҳсолшаванда, афзоиши ҳаҷми истеҳсоли 88 номгӯй (60,6 фоиз) таъмин гардида, ҳаҷми истеҳсоли 41 номгӯй, аз ҷумла гази табиӣ, маснуоти қаннодӣ, спирти этилии хом, нӯшокиҳои

беспирт, нахи пахта, чигити тухмии пахта, ресмони абрешимӣ, газворҳои пахтагини тайёр, матоъҳои нобофта, қуми кварсӣ, лампаҳои каммасраф ва ғайраҳо нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта коҳиш ёфта, 4 намуди мол, аз ҷумла газвори абрешими тайёр, уребча, черепитса аз сементу рег ва мошинҳои кишоварзӣ умуман истеҳсол нашуданд.

Дар баробари ин, истеҳсоли 12 номгӯи маҳсулоти нав, аз ҷумла консентрати нуқра, шири қиёмшуда, равғани ангат, хокаи магнитид - оҳан, зарфҳои фарфорӣ, зарфҳои сафолӣ, болту гайкаи резбардор, аккумулятор, чароғҳои равшанидиҳандаи светодиодӣ ба роҳ монда шуд.

Дар маҷмӯъ рушди соҳаи саноат дар ин давра асосан аз ҳисоби афзоиши ҳаҷми истеҳсоли як қатор молҳо, аз ҷумла ангишт (141,7 фоиз нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта), рег (130,9 фоиз), консентрати сурб (1,5 баробар), консентрати сурма (2,2 баробар), консентрати руҳ (1,4 баробар), консерваҳо (122,2 фоиз), сабӯс (1,5 баробар), биринҷ (123,8 фоиз), папиросу сигаретҳо (146,4 фоиз), қолинҳо ва маснуоти қолинӣ (133,7 фоиз), либосҳои мактабӣ (2,0 баробар), пойафзол (2,0 баробар), маҷмӯи блокҳои дару тиреза (2,5 баробар), бензин (176,3 фоиз), сӯзишвории дизелӣ (2 баробар), асфалт (123,7 фоиз), мазут (151,8 фоиз), клинкер (19,6 баробар), семент (1,4 баробар), хишти сементӣ (1,3 баробар), бетони молӣ (1,5 баробар), тахтасангҳои мармарӣ (122,8 фоиз), қубурҳои металӣ (5,7 баробар), тахтасангҳои асбесту сементӣ (8,5 баробар), зарфҳои шишагин (2,7 баробар), гипсокартон (7,1 барбар), рехтаи ранга (1,6 баробар), хокаи магнитид, дару тирезаҳои алюминӣ (2,1 баробар), қубурҳои пластикӣ (150,1 фоиз), маснуоти кабелӣ (1,9 баробар) ва кабелҳои қувваи барои шиддатнокии то 1-квт (4,9 баробар) таъмин карда шудааст.

Вобаста ба фаъолияти корхонаҳои соҳа аз шумораи умумии корхонаҳои саноатии бақайдгирифташуда (2101 корхона) 489 корхона ё 23,2 фоиз маҳсулот истеҳсол накарданд.

Дар давраи ҳисоботӣ бақияи маҳсулот дар анборҳо нисбат ба аввали сол дар ҳаҷми 280,9 млн. сомонӣ, аз ҷумла аз ҳисоби саноати истихроҷи маъдан 55,1 млн. сомонӣ ва саноати коркард 225,8 млн. сомонӣ зиёд шудааст.

Зиёдшавии бақияи маҳсулот дар соҳаи саноати коркард асосан аз ҳисоби соҳаи истеҳсоли нассоҷӣ, ки нисбат ба аввали сол ба маблағи 88,5 млн. сомонӣ ва истеҳсоли ҳаргуна маҳсулоти ғайрифилизии маъданӣ ба маблағи 62,6 млн. сомонӣ ба вуҷуд омадааст.

Дар нуҳ моҳи соли 2016 истеҳсоли нерӯи барқ, газ, гармӣ ва обтаъминкунӣ ба 1999,6 млн. сомонӣ баробар гардида, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 3,7 фоиз афзоиш ёфт ва 19,7 фоизи ҳиссаи ҳаҷми маҳсулоти саноатиро ташкил намуд.

Истеҳсоли нерӯи барқ 13289,9 млн. кВт. соатро ташкил дода, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 40,9 млн. кВт. соат ё 0,3 фоиз афзоиш ёфтааст.

Дар давраи ҳисоботӣ ҳаҷми маҳсулоти умумии кишоварзӣ 15198,9 млн. сомониро ташкил дод, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 6,8 фоиз зиёд мебошад.

Дар нуҳ моҳи соли ҷорӣ бо мақсади таъмини амнияти озуқаворechии мамлакат дар хоҷагиҳои ҷамъиятӣ ва деҳқонӣ аз майдони 662031 гектар кишти зироатҳои тирамоҳӣ ва баҳорӣ ҷамъоварӣ карда шудааст, ки аз он 314164 гектар кишти зироатҳои ғалладона (бе ҷуворимакка), аз он ҷумла гандум 224029 гектар, 10932 гектар ҷуворимакка барои дон, 185584 гектар зироатҳои техникӣ, аз он ҷумла пахта 162558 гектар, 22391 гектар картошка, 30460 гектар сабзавот, 16782,1 гектар полизӣ ва 81718 гектар зироатҳои хӯроки чорво, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта ба ғайр аз кишти зироатҳои полизӣ (225,9 гектар кам), кишти дигар зироатҳо аз қабили зироатҳои ғалладона (бе ҷуворимакка) 17493 гектар ё 0,9 фоиз, гандум 4791 гектар ё 1,3 фоиз, зироатҳои техникӣ 2623 гектар ё 1,4 фоиз, пахта 2918 гектар ё 1,8 фоиз, картошка 5985 гектар ё 4,3 фоиз ва сабзавот 4116 гектар ё 6,9 фоиз ва зироатҳои хӯроки чорво 316 гектар ё 0,4 фоиз зиёд гардидааст.

Ҳаҷми маҳсулоти соҳаи растанипарварӣ дар 9 моҳи соли равон 11146,3 млн. сомониро ташкил дод, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 8,3 фоиз афзоиш ёфтааст.

Дар ин давра 1217,5 ҳазор тонна ғалладона (104,1 фоиз нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта), 149,6 ҳазор тонна пахта (116,0 фоиз), 708,7 ҳазор тонна картошка (105,8 фоиз), 1336,1 ҳазор тонна сабзавот (108,2 фоиз), 492,8 ҳазор тонна полизӣ (100,4 фоиз), 269,1 ҳазор тонна меваҷот (133,8 фоиз) ва 149,3 ҳазор тонна ангур (106,1 фоиз) истеҳсол карда шудааст.

Дар моҳҳои январ – сентябри соли ҷорӣ дар хоҷагиҳои ҷамоавию деҳқонии ҷумҳурӣ ба маблағи 4052,6 млн. сомонӣ маҳсулоти соҳаи чорводорӣ истеҳсол шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 3,1 фоиз зиёд мебошад.

Дар давраи сипаригардида 122,7 ҳазор тонна гӯшт (бо вазни зинда) (104,6 фоиз нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта), шир 577,9 ҳазор тонна (102,5 фоиз), 220,3 млн. дона тухм (86,4 фоиз), 5,9 ҳазор тонна пашм (105,3 фоиз), 3,3 ҳазор тонна асал (101,4 фоиз) ва 736,9 тонна моҳӣ (106,2 фоиз) истеҳсол шудааст.

Дар моҳҳои январ-сентябри соли 2016 тавассути ҳамагуна воситаҳои нақлиёт 53,7 млн. тонна бор кашонида шуда, гардиши бор ба 4510,9 млн. тонна/км баробар гардид, ки ин нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта мутаносибан 99,8 ва 99,9 фоизро ташкил дод.

Дар ин давра ҳамагӣ 427,9 млн. нафар мусофир кашонида шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 1,6 фоиз зиёд мебошад. Нишондиҳандаи гардиши мусофирон бошад ба 6999,6 млн. мусофир/км баробар шуда, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 1,1 фоиз афзоиш ёфтааст.

Тибқи маълумоти Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон айни замон 19 лоиҳаи инвеститсионӣ оид ба таҷдид ва сохтмони роҳҳои автомобилгард, сохтмони роҳи оҳан, таҷдид ва муҷаҳҳазгардонии техникии фурудгоҳҳо ба маблағи 712,5 млн. доллари ИМА (ба ҳолати 01.10.2016) амалӣ шуда истодаанд.

Дар доираи лоиҳаҳои инвеститсионӣ ба муносибати 25-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон хати роҳи оҳани Душанбе-Қӯрғонтеппа-Кӯлоб, қитъаи Ваҳдат-Ёвон, таҷдиди роҳи автомобилгарди Восеъ-Ховалинг бо дарозии 88,0 км ва таъмиру барқароркунии 10,5 км роҳи автомобилгарди Рашт – Навобод бо пул аз болои дарёи Сорбоҳ ба истифода дода шудаанд.

Инчунин, соли ҷорӣ таҷдиди роҳи автомобилгарди Хуҷанд-Исфара бо дарозии 67,7 км ба маблағи 54,0 млн. доллари ИМА, азнавсозии роҳи автомобилгарди Душанбе – Турсунзода (аз ҳайкали Абӯали ибни Сино то дарвозаи ғарбии шаҳри Душанбе), қитъаи чорроҳаи шаҳраки 82 бо дарозии 4,6 км ба маблағи 35 млн. доллари ИМА, беҳтар намудани инфрасохтори фурудгоҳи байналмилалии Душанбе (сохтмони терминали боркашонӣ) ба маблағи 17,5 млн. доллари ИМА ва таҳияи асосноккунии техникию иқтисодии роҳи автомобилгарди Душанбе - Қӯрғонтеппа ба маблағи 1,0 млн. доллари ИМА, корҳои лоиҳакашии роҳи автомобилгарди Ваҳдат–Рашт–Лахш–сарҳади Ҷумҳурии Қирғизистон (қитъаи 72 - 158 км) оғоз ёфтанд.

Тибқи маълумоти пешакӣ дар моҳҳои январ-сентябри соли 2016 дар ҷумҳурӣ 70 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ бо маблағи умумии 22,1 млрд. сомонӣ (2,8 млрд. доллари ИМА) тавассути маблағгузории ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ амалӣ гардида истодаанд, ки аз ҳаҷми умумии он 9,8 млрд. сомонӣ (1,24 млрд. доллари ИМА) маблағҳои грантӣ мебошанд.

Дар доираи татбиқи лоиҳаҳои амалкунанда (аз аввали татбиқ то ба 1 октябри соли 2016) 10,5 млрд. сомонӣ (1,33 млрд. доллари ИМА) ё 47,5 фоиз азхуд карда шудааст.

Лоиҳаҳои татбиқшаванда ба рушди соҳаҳои гуногуни иқтисодию иҷтимоии кишвар равона гардида, дар сохтори онҳо маблағҳои қарзӣ - 49,8 фоиз, маблағҳои грантӣ - 44,1 фоиз, саҳми Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон - 5,3 фоиз ва дигар сарчашмаҳо - 0,8 фоизро ташкил медиҳад.

Азхудкунии маблағҳо дар доираи лоиҳаҳои амалкунанда дар 9 моҳи соли 2016-ум 2,6 млрд. сомонӣ (333,2 млн. доллари ИМА)-ро ташкил дод, ки ин дар маҷмӯъ ба 79 фоизи нақшаи молиявии нуҳмоҳа баробар мебошад.

Дар давраи ҳисоботӣ аз ҳаҷми умумии маблағҳои азхудгардида 196,7 млн. доллари ИМА (59 фоиз) маблағҳои қарзӣ, 119,8 млн. доллари ИМА (36 фоиз) воситаҳои грантӣ,12,9 млн. доллари ИМА (4,0

фоиз) саҳми Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, 3,8 млн. доллари ИМА (1,0 фоиз) дигар сарчашмаҳоро ташкил медиҳанд.

Дар моҳҳои январ-сентябри соли 2016 ҳаҷми маблағгузориҳо ба сармояи асосӣ аз ҳисоби ҳамаи манбаъҳои сармоягузорӣ ба маблағи 7409,7 млн. сомонӣ азхуд карда шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 22,0 фоиз зиёд мебошад.

Аз ҳаҷми умумии маблағҳои асосии азхудкардашуда, 3231,7 млн. сомонӣ маблағгузориҳои давлатӣ (43,6 фоиз), 2989,4 млн. сомонӣ сармояҳои хориҷӣ (40,3 фоиз) ва 1188,6 млн. сомониро дигар сарчашмаҳо (саҳмиягузорон, аҳолӣ, хоҷагиҳои фермерӣ, ширкатҳо) (16,1 фоиз) ташкил намудаанд.

Дар моҳҳои январ-сентябри соли ҷорӣ дар ҷумҳурӣ аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ 2118,4 млн. сомонӣ фондҳои асосӣ, аз ҷумла 543,5 млн. сомонӣ мансубияти истеҳсолидошта ба кор андохта шуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта мутаносибан 25,0 ва 43,8 фоиз зиёд мебошад.

Дар давраи ҳисоботӣ дар ҷумҳурӣ аз ҳисоби ҳамаи манбаҳои маблағгузорӣ ҳамагӣ 606,9 ҳазор метри мураббаъ манзилҳои истиқоматӣ сохта ба истифода дода шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 20,2 фоиз кам мебошад. Мактабҳои таҳсилоти умумӣ барои 3600 ҷойи талаба сохта ба истифода супорида шуд, ки ин нишондиҳанда нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 49,3 фоиз кам мебошад. Муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ барои 689 ҷой, ба истифода супорида шуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 2,9 баробар зиёд мебошад. Дар соҳаи тандурустӣ дармонгоҳҳо барои 1181 ҷойи қабул дар як баст бунёд гардида, ба истифода супорида шуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 3 маротиба зиёд мебошад. Инчунин, беморхонаҳо барои 650 кат сохта мавриди истифода қарор дода шуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 5,7 маротиба зиёд мебошад.

Мувофиқи маълумоти оморӣ дар давраи ҳисоботӣ гардиши савдои чакана 12216,6 млн. сомониро ташкил дод, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 7,2 фоиз афзоиш ёфтааст.

Тибқи мушоҳидаҳо дар бозори истеъмолӣ ҳамаи намуди молу маҳсулот ба қадри кофӣ мавҷуд бошад ҳам, болоравии нархи баъзе маҳсулоти истеъмолӣ ба миён омадааст.

Дар ин давра нархи шир 14,8 фоиз, орди навъи якум 2,9 фоиз, гӯшти гӯсфанд 2,4 фоиз, тухм 3,9 фоиз ва биринҷ 0,7 фоиз коҳиш ёфта, дар баробари ин нисбат ба аввали сол нархи шакар 19,0 фоиз, равғани растанӣ 10,7 фоиз, маҳсулоти макаронӣ 8,8 фоиз, ярмаи марҷумак 35,9 фоиз, гӯшти гов 5,2 фоиз афзоиш ёфтааст.

Дар баъзе номгӯи маҳсулот, аз ҷумлаи сабзавот, полизӣ ва мевагиҳо то андозае пастравии нархҳо ба назар расид, ки он хусусияти мавсимӣ дорад.

Сабаби асосии баланд рафтани нархи баъзе намудҳои маҳсулот аз боло рафтани тарофаҳои

боркашонӣ ва набудани амборҳои ҳозиразамони нигоҳдории маҳсулоти кишоварзӣ дар шаҳру ноҳияҳо вобаста мебошад.

Дар моҳи сентябри соли ҷорӣ нархҳои истеъмолӣ нисбат ба моҳи декабри соли гузашта 5,0 фоиз (3,6 фоиз дар ҳамин давраи соли гузашта), аз ҷумла маҳсулоти озуқаворӣ - 4,4 фоиз (3,4 фоиз), маҳсулоти ғайриозуқа - 4,4 фоиз (4,1 фоиз) ва тарофаҳои хизматрасонӣ - 8,4 фоиз (3,7 фоиз) афзоиш ёфтанд.

Дар нуҳ моҳи соли ҷорӣ тавассути ҳамаи соҳаҳои хизматрасонӣ ба аҳолии ҷумҳурӣ дар ҳаҷми 7222,7 млн. сомонӣ хизмат расонида шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 1,3 фоиз кам мебошад.

Коҳишёбии хизматрасонии пулакӣ асосан аз ҳисоби кам гардидани ҳаҷми хизматрасонии маишӣ (зиёда аз 38 фоизи хизматрасонии пулакиро дар бар мегирад) ба андозаи 11,5 фоиз ва дигар хизматҳо (аз ҷумла хизматрасониҳои бонкӣ) - 22,0 фоиз ба миён омад.

Ҳаҷми хизматрасонии меҳмонхонаҳо ва тарабхонаҳо дар давраи ҳисоботӣ 664,8 млн. сомониро ташкил дод, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 9,3 фоиз зиёд мебошад.

Гардиши савдои хориҷӣ дар моҳҳои январ-сентябри соли ҷорӣ 2895,4 млн. доллари ИМА-ро ташкил намуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 7,9 фоиз коҳиш ёфтааст.

Бо дарназардошти коҳишёбии гардиши савдои хориҷӣ дар давраи ҳисоботӣ ҳаҷми содироти молҳо нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта ба андозаи 0,5 фоиз афзоиш ёфта, 672,7 млн. Доллари ИМА-ро ташкил дод.

Воридоти молҳо дар ин давра тамоюли манфиро касб намуда, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 10,2 фоиз коҳиш ёфта, 2222,7 млн. Доллари ИМА-ро ташкил дод. Тарози манфии савдои хориҷии ҷумҳурӣ 1550,0 млн. доллари ИМА-ро ташкил намуд.

Дар сохтори содирот бартарият доштани алюминийи аввалия ва нахи пахта бо дарназардошти вазъи номусоиди савдои онҳо дар солҳои охир ва ҷараёни сусти гуногунсамтии истеҳсолоти ба содирот нигаронидашуда ва воридотивазкунанда имкон надод, ки нишондиҳандаҳои савдои хориҷӣ дар сатҳи муайяншуда таъмин гарданд.

Дар моҳҳои январ-сентябри соли ҷорӣ 99,5 ҳазор тонна алюминийи аввалия ба маблағи 155,8 млн. доллари ИМА содир гардид, ки дар муқоиса ба ҳамин давраи соли гузашта 8,3 ҳазор тонна зиёд мебошад ва аз рӯи арзиш 0,6 млн. доллари ИМА кам аст.

Ҳамзамон, нархи миёнаи алюминийи аввалия дар нуҳ моҳи соли ҷорӣ нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 149 доллари ИМА коҳиш ёфта, 1566 доллари ИМА-ро барои як тонна ташкил намуд.

Ҳаҷми содироти нахи пахта 55,5 ҳазор тонна бо арзиши 72,7 млн. доллари ИМА-ро ташкил дод, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 6,7 ҳаз. тонна ё 10,4 млн. долл. ИМА коҳиш ёфтааст. Нархи миёнаи фурӯши нахи пахта 1310 доллари ИМА-ро барои як

тонна ташкил дод, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 26 доллари ИМА кам мебошад.

Танҳо аз ҳисоби коҳишёбии нархи миёнаи алюминийи аввалия ва нахи пахта дар моҳҳои январ-сентябри соли равон нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта содироти кишвар 32,7 млн. доллари ИМА кам гардид.

Дар моҳҳои январ-сентябри соли 2016 аз ҷумҳурӣ 147,9 ҳазор тонна меваю сабзавот бо арзиши умумии 17,5 млн. доллари ИМА содирот гардид, ки дар муқоиса ба ҳамин давраи соли гузашта, аз рӯи ҳаҷм 27,9 ҳазор тонна ва аз рӯи арзиш 6,3 млн. доллари ИМА камтар мебошад. Нархи миёнаи содиротии он 26 доллари ИМА барои 1 тонна коҳиш ёфтааст.

Аз ҷониби ширкатҳои саноати кухӣ ба маблағи 164,8 млн. доллари ИМА маъдану консентратҳо содирот гардид, ки дар муқоиса бо ҳамин давраи соли гузашта 50,9 млн. доллари ИМА зиёд аст. Ҳиссаи онҳо дар сохтори содирот 24,5 фоизро ташкил медиҳад.

Содироти тилло, нукра ва металлҳои қиматбаҳо 98,9 млн. доллари ИМА-ро ташкил дод, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 85,1 млн. доллари ИМА кам мебошад.

Азбаски зиёда аз 70 фоизи маҳсулоти кишвар ба таври ашёи хом содирот карда мешаванд (пахта, алюминий, маъданҳо, маҳсулоти кишоварзӣ, пӯсту пашм), ҳамагуна тағйироте, ки дар бозори ҷаҳонӣ вобаста ба талабот ва арзиши онҳо ба миён меоянд, дар иқтисодиёти кишвар эҳсоскунанда аст.

Дар давраи ҳисоботӣ воридот дар маҷмӯъ 252,9 млн. доллари ИМА кам шудааст.

Тибқи маълумоти Хадамоти гумрук дар ин давра ба ҷумҳурӣ ба маблағи 417,5 млн. доллари ИМА маҳсулоти озуқаворӣ ворид карда шуд, ки қисме аз захираҳои молӣ дар бозорҳои ҷумҳурӣ аз ин ҳисоб ташаккул ёфтааст.

Дар сохтори воридоти маҳсулоти озуқаворӣ ҳиссаи орду гандум ва маҳсулот аз онҳо 40,1 фоиз, равғани растанӣ 16,1 фоиз, қанд ва маҳсулоти қаннодӣ 11,1 фоиз, гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ 5,2 фоизро ташкил дод.

Вазни хоси маҳсулоти нафтӣ низ дар сохтори воридот назаррас буда, дар ин давра 327,7 ҳазор тоннаро ташкил дод, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 91,7 ҳазор тонна кам мебошад. Ҳолати мазкур бо сабаби гузаштан ба навъҳои алтернативии сӯзишворӣ ба амал омад.

Дар давраи ҳисоботӣ 252,6 ҳазор тонна гази моеъ ворид гардид, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 9,9 ҳазор тонна зиёд мебошад ва нархи миёнаи воридоти он 20 доллари ИМА зиёд гардидааст.

Қурби расмии сомонӣ нисбат ба доллари ИМА аз аввали сол то санаи 30 сентябри соли ҷорӣ 10,7 фоиз коҳиш ёфт, ки аз он 10,4 фоиз ба моҳи январ ва 0,3 фоиз ба моҳи феврал рост меояд. Дар моҳҳои

март-сентябр қурби пули миллӣ муътадил нигоҳ дошта шуд (барои муқоиса дар ҳамин давраи соли 2015 – 20,1 фоиз коҳиш ёфта буд).

Тибқи маълумоти пешакии Вазорати молия (ба ҳолати 11 октябри соли 2016) қисми умумии даромади Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар моҳҳои январ-сентябри соли 2016 дар сатҳи 97,4 фоиз иҷро гардида, ба буҷет 12567,8 млн. сомонӣ маблағ ворид гардид (-334,9 млн. сомонӣ аз нақша кам), ки нисбат ба ММД 33,1 фоизро ташкил менамояд.

Иҷрои нақшаи даромадҳои ҷорӣ дар сатҳи 96,5 фоиз таъмин гардид (-334,9 млн. сомонӣ). Нақшаи воридоти андозҳо бошад 92,8 фоиз таъмин гардида, ба буҷет ҳамагӣ 8097,9 млн. сомонӣ маблағ ворид шуд (-631,7 млн. сомонӣ), ки нисбат ба ММД 21,3 фоизро ташкил намуд.

Бояд қайд намуд, ки тибқи нақша иҷрои баъзе намуди андозҳо ва пардохтҳои ҳатмӣ таъмин нагардид, аз ҷумла андоз аз даромад 89,7 фоиз (-111,2 млн. сомонӣ), андоз аз фоида 98,7 (-9,7 млн. сомонӣ), андози иҷтимоӣ 89,3 фоиз (-121,9 млн. сомонӣ), андоз аз арзиши иловашуда 92,4 фоиз (-279,9 млн. сомонӣ), андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард 72,9 фоиз (-88,1 млн. сомонӣ), аксизи берунӣ 73,9 фоиз (-48,0 млн. сомонӣ), боҷи гумрукӣ 80,9 фоиз (-88,8 млн. сомонӣ), андоз аз воситаҳои нақлиёт 98,4 фоиз (-1,5 млн. сомонӣ), боҷи давлатӣ 95,1 фоиз (-3,4 млн. сомонӣ), воридот аз моликият ва фаъолияти соҳибкорӣ 77,5 фоиз (-31,5 млн. сомонӣ), пардохти хизматҳои гумрукӣ 75,7 фоиз (-12,6 млн. сомонӣ) ва ғайраҳо.

Дар маҷмӯъ дар натиҷаи таъмин нагардидани нақшаи баъзе намуди андозҳо ва пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет 866,2 млн. сомонӣ маблағҳои пешбинигардида ворид нагардид.

Дар 9 моҳи соли 2016 иҷроиши нақшаи хароҷоти Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи 90,1 фоиз ё ба маблағи 13063,7 млн. сомонӣ таъмин гардид. Ин нисбат ба нақша 1436,1 млн. сомонӣ (нақша 14499,8 млн. сомонӣ) кам мебошад.

Дар асоси нишондиҳандаҳои пешакии оморӣ даромади пулии аҳолӣ ба ҳолати январ-августи соли ҷорӣ 17,4 млрд. сомониро ташкил карда, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 6,6 фоиз афзудааст.

Даромади ҳақиқии дар ихтиёр доштаи аҳолӣ дар ин давра нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 5,7 фоиз зиёд шудааст.

Хароҷоти пулӣ ва амонатҳои аҳолӣ ба ҳолати январ-августи соли равон 20,6 млрд. сомониро ташкил дода, барои хариди мол ва пардохти хизматрасонии аҳолӣ 61,2 фоиз ва барои пардохтҳои ҳатмӣ ва ҳаққи узвияти ихтиёрӣ дар ҳаҷми 23,6 фоизи маҷмӯи умумии хароҷоти пулӣ ва амонатҳо сафарбар карда шудааст.

Дар моҳҳои январ-августи соли 2016 музди меҳнати миёнаи кормандони ҳамаи соҳаҳои иқтисодию иҷтимоии ҷумҳурӣ ба 923,9 сомонӣ

расида, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта бо ҳисоби номиналӣ 6,9 фоиз афзудааст.

Дар давраи ҳисоботӣ ба мақомоти меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар маҳал 98945 нафар шаҳрвандон муроҷиат намуданд, ки 62614 нафари онҳо ҳамчун корҷӯй ба қайд гирифта шуда, ба 40358 нафар расман мақоми бекорӣ дода шуд.

Тавассути татбиқи чорабиниҳои Барномаи мусоидат ба шуғли аҳолӣ ба воситаи ҷойҳои кории бандшуда (квотаҳо) 2554 нафар, тавассути ташкили корҳои фардӣ 2882 нафар ва дар маҷмӯъ 33768 нафар шаҳрвандон бо ҷойҳои корӣ таъмин гардиданд.

Бо мақсади мусоидат барои дарёфти ҷойи кори муносиб ба шаҳрвандон дар ин давра 599 ярмаркаи ҷойҳои кории холӣ барои вазифаҳои озод гузаронида шуда, 4764 нафар корҷӯён дар ин ярмаркаҳо соҳиби ҷойи кор гардида, ба 5803 нафар роҳхат барои касбомӯзӣ дода шуда, 1632 нафар ба иҷрои корҳои ҷамъиятии музднок сафарбар гардиданд ва 25023 нафар шаҳрвандон бо хизматрасонии касбӣ фаро гирифта шуданд. Бевосита тавассути ташкил ва баргузории ярмаркаи ҷойҳои кории холӣ 12199 нафар шаҳрвандони бекор ва корҷӯй ба намудҳои гуногуни шуғл ҷалб карда шуданд. Ҳамаи рақамҳои болозикр аз он шаҳодат медиҳанд, ки дар нуҳ моҳи соли 2016 иҷрои нишондиҳандаҳои барнома 100,9 фоиз таъмин гардида, маҷмӯан ба 156146 нафар шаҳрвандон хизматрасонии иҷтимоӣ анҷом дода шуд.

Дар ин давра аз ҷумҳурӣ 396856 нафар шаҳрвандони кишварамон ба хориҷи кишвар ба муҳоҷирати меҳнатӣ сафар намуда, аз инҳо 342777 нафарашон мард ва 54079 нафарро занон ташкил медиҳанд.

Рафти муҳоҷирони меҳнатӣ ба хориҷа нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 72719 нафар ё ин, ки 15 фоиз коҳиш ёфтааст.

Дар ин давра аз хориҷи кишвар 219742 нафар муҳоҷирони меҳнатӣ ба ватан баргаштанд, аз ин 181013 нафарро мардҳо ва 38729 нафарро занон ташкил медиҳанд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 59228 нафар ё ин, ки 21 фоиз кам шудааст.

Муҳоҷирони меҳнатии кишвар дар ин муддат ба Федератсияи Россия - 387878 нафар ва Ҷумҳурии Қазоқистон - 8978 нафар сафар кардаанд.

Тибқи маълумоти оморӣ ба ҳолати 1 июли соли 2016 аз тарафи шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ дар маҷмӯъ 77405 ҷойи корӣ, аз ҷумла 72561 ҷойҳои нав, 838 ҷойҳои иловагӣ ва 4008 ҷойҳои барқароршудаи корӣ таъсис дода шудааст, ки 33271 ҷойҳои нави корӣ ба шахсони ҳуқуқӣ ва 44134 ҷойҳои нави корӣ ба шахсони воқеӣ рост меояд.

Бештари ҷойҳои кории аз тарафи шахсони ҳуқуқӣ таъсисдода, асосан дар соҳаҳои кишоварзӣ, шикор ва ҷангалпарварӣ (9406 ҷой), дар саноати коркард (3264), дар саноати истихроҷи маъданҳои кӯҳӣ ва коркарди конҳо (459), дар сохтмон (5079), дар бахши хизматрасонӣ дар соҳаи маориф (4579),

тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ (1694), хизматҳои коммуналӣ, иҷтимоӣ ва шахсӣ (2190), дар савдои яклухт ва чакана, таъмири автомобил, молҳои маишӣ ва маводи истифодаи шахсӣ (2338) ва дигар намудҳои фаъолияти иқтисодӣ (4262 ҷой) мебошанд.

Дар нуҳ моҳи соли ҷорӣ фаъолияти Вазорати рушди иқтисод ва савдо ба иҷрои саривақтии дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 январи соли 2016, №8 «Дар бораи ҷамъбасти натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2015 ва вазифаҳо барои соли 2016», аз 27 июли соли 2016, №316 «Дар бораи ҷамъбасти натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар нимсолаи якуми соли 2016» ва қарору супоришҳои Ҳукумати ҷумҳурӣ вобаста ба татбиқи чорабиниҳои ҳуҷҷатҳои стратегии кишвар, таҳким ва густариши робитаҳои тиҷоратию иқтисодӣ ва ҳамкорӣ бо кишварҳои хориҷаи дуру наздик, таҳлили ҳамаҷонибаи соҳаҳои иқтисоди миллӣ, дарёфти роҳҳои нави пешгирии таъсири омилҳои манфии беруна ба иқтисодиёти ҷумҳурӣ ва таъмини тамоюли мусбати рушд дар соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ нигаронида шуда буд.

Дар семоҳаи сеюми соли ҷорӣ, ба Вазорат 10568 адад мактуб, аз ҷумла 2823 адад аз Ҳукумати ҷумҳурӣ, 6487 адад аз вазорату идораҳо (аз ҷумла 197 лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ аз вазорату идораҳо барои мувофиқа), 165 адад аз муассисаҳои зертобеъ, 710 адад аз хориҷаи дуру наздик, 326 адад мактуби махфӣ ва 57 адад аризаву муроҷиати шаҳрвандон ворид гардид.

Дар баробари ин, аз ҷониби Вазорат 4296 адад мактубҳои ҷавобӣ (аз ҷумла 229 адад мактуби махфӣ) ва таклифу пешниҳодҳо ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазорату идораҳои дахлдор ва дигар ташкилоту муассисаҳо ирсол карда шуд.

Инчунин, ҷиҳати иҷрои муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муроҷиатҳои шаҳрвандон» дар семоҳаи сеюми соли 2016 тибқи Нақшаи тасдиқгардидаи Вазорат дар рӯзҳои муқарраршуда қабули шаҳрвандон ба роҳ монда шуд. Дар ин давра аз ҷониби роҳбари аввали Вазорат 49 нафар шаҳрванд ва аз ҷониби муовинони Вазир низ шаҳрвандон қабул гардида, масъалаҳои пешниҳоднамудаи шаҳрвандон баррасӣ ва дар доираи ваколатҳои Вазорат, инчунин имкониятҳои ҷойдошта ҳаллу фасл карда шуданд.

Дар давраи ҳисоботӣ аз ҷониби Вазорат 47 лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ таҳия ва барои баррасӣ пешниҳод карда шудааст, ки аз онҳо 14 лоиҳа қабул гардида, 22 лоиҳа дар баррасии Ҳукумати ҷумҳурӣ, Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 11 лоиҳа дар баррасии вазорату идораҳои дахлдор қарор доранд.

Мавриди зикр аст, ки дар семоҳаи сеюми соли 2016 бо мақсади муаррифии дастовардҳои иқтисодии кишвар ва дастрасии бештару оҷилии намояндагони воситаҳои ахбори оммаи ватанию хориҷӣ сомонаи Вазорати рушди иқтисод ва савдо дар тарҳи ҷадиду ҷавобгӯ ба меъёрҳои технологияҳои муосир мавриди истифода қарор дода шуд, ки ҳамарӯза дар он маълумоти муфассал доир ба фаъолият ва чорабиниҳои Вазорат ҷойгир карда мешаванд.

Вазорат дар доираи иҷрои ваколатҳои худ ва дастуру супоришҳои дахлдори Ҳукумати ҷумҳурӣ Гузориши таҳлилӣ доир ба вазъи иқтисодиёти кишварҳои минтақа ва ҷаҳон, натиҷаҳои рушди иқтисодию иҷтимоии кишвар дар соли 2015 ва вазифаҳо барои соли 2016-ро омода ва ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намуд.

Инчунин, дар ин давра маълумотномаҳои ҳармоҳа ва ҳафтаинаи таҳлилӣ доир ба равандҳои глобалӣ дар иқтисодиёти ҷаҳонӣ, аз ҷумла вазъи бозорҳои ҷаҳонии молиявию ашёӣ ва раванди ташаккулёбии соҳаҳои иқтисоди миллӣ омода гардида, ба Ҳукумати мамлакат ва Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол карда шуданд.

Қобили тазаккур аст, ки дар давраи ҳисоботӣ 5 ҷаласаи Гурӯҳи кории зинаи дуюми доимоамалкунанда оид ба пешгирии таъсири хавфҳои эҳтимолӣ ба иқтисодиёти миллӣ баргузор карда шуда, масъалаҳои ҳалталаб ва пешниҳодҳои вазорату идораҳои дахлдор дар самти андешидани чораҳои саривақтӣ барои бартарафсозии хавфҳои эҳтимолӣ мавриди баррасӣ ва муҳокима қарор дода шуданд.

Дар ин давра 75 фармоиши Вазорат оид ба фаъолияти асосӣ, аз ҷумла 6 фармоиши назоратӣ вобаста ба таъмини иҷрои саривақтии қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардиданд, ки рафти иҷрои онҳо таҳти назорати доимии роҳбарият қарор дорад.

Сарфи назар аз таъмини иҷрои саривақтии фаъолияти воҳидҳои сохтори Вазорат ва муассисаҳои зертобеъ ҳоло низ норасоиву камбудиҳо дар самти таҳлили вазъи соҳаҳои иқтисоди миллӣ ва муайян намудани иқтидорҳои воқеии кишвар, тарҳрезии барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаҳои ҷумҳурӣ, рушди минтақаҳои озоди иқтисодӣ ва танзими бозори истеъмолӣ ва хизматрасонӣ мушоҳида мегардад.